КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз «20» моҳи ____ соли 2020 № 101 ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ба Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар мавзӯи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи бузурги алавӣ “чашмҳояш”)» аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшинос бинобар риоя нагардидани талаботи банди 30 Низомнома намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ба Алсенан Абдулҳаким Фаҳад рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ (суратҷаласа аз 20 феврали 2020, №20) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2020, протоколи №3.

Раис А.Розиқзода